**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро фарогир буда, аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавию озмоишӣ таъмин мебошад. Диссертатсия масъалаи мубраму ҳалталаби таҳсилоти муосирро дар бар гирифтааст, зеро муаммои рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар замони имрӯза аз он ҷиҳат мубрам аст, ки низоми амалкунандаи кор бо бачагони лаёқатманд дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ба такмил ниёз дорад. Фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи лаёқатмандии хонандагон ба таври кофӣ мувофиқ нест. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки технологияи педагогии инкишофи лаёқатмандии хонандагон коркард ва дар раванди таълим амалӣ карда шавад.

Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, назариявӣ, марҳилаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд. Ҳамчунин, нақши сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҷиҳати дарёфт ва таълиму тарбияи ҷавонону наврасони болаёқат арзёбӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Рушди лаёқатмандии хонандагон ҳамчун муаммои педагогӣ» унвон гирифтааст, масъалаҳои рушди лаёқатмандӣ дар адабиёти фалсафию педагогӣ баррасӣ гардида, мазмун ва моҳияти педагогии тавсифи лаёқатмандии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои лаёқатмандии хонандагон ва рушди фаъолияти таълимии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар коркарди рисола аз адабиёти фалсафӣ мафҳуми лаёқатмандӣ

мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, андешаҳои файласуфони Юнони қадим оид ба лаёқатмандӣ ҳамчун ҳадяи илоҳӣ, мулоҳизаҳои муҳаққиқон дар бораи тафовутҳо байни одамон дар мавриди ақл, ба вуҷуд омадани ақли фитрӣ ва ташаккули ақли ғайримодарзодӣ, нуқтаи назари намояндагони равияи марксистӣ оид ба қобилияти инсон дар фаъолияти меҳнатӣ, ташаккули тафаккури инсон ба шарофати фаъолияти меҳнатӣ, ақидаҳои файласуфони замони муосир низ оид ба масъалаи лаёқатмандии фардӣ ва ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ, ҳамчунин ақидаҳои мутафаккирон, олимону педагогони мардумии халқи тоҷик бамаврид истифода ва муқоисаю таҳлил карда шудааст.

Фаҳмиши психологии истилоҳи «лаёқатманд» аз нуқтаи назари олимони асри XX дар рисола хеле возеҳ шарҳ дода шуда, якчанд таърифҳои мушаххаси лаёқатмандӣ гирд оварда шудаанд. Лаёқатмандӣ дар маҷрои таҳлили тафовутҳои тафриқавӣ низ баррасӣ гардидааст, ки бо муайянкунии қобилияти умумӣ ва махсус алоқаманд мебошад.

Дар боби дуввум, ки «Технологияи педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар раванди таълим» ном дорад, вазъият ва омилҳои педагогии рушди лаёқатмандии хонандагон, самарабахшии педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим баён гардидаанд.

Маълумотҳои ҷамъбастӣ оид ба натиҷаи озмоишҳои тасдиқкунанда ва ташаккулдиҳандаи таҳқиқот, ки дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Деваштич ва Б.Ғафуров бо иштироки 260 – нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил ва гузаронида шуда, дар ҷадвалҳои 1 ва 3 оварда шудааст.

Дар рисола маълумотҳо оид ба инкишофи нишондиҳандаҳои ҳар як намуди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар 15 диаграммаҳо инъикос гардидааст, ки баландшавии ҳар як нишондиҳанда ва сатҳи

инкишофи лаёқатмандиро ҳам дар гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам назоратӣ нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар боби дуюми диссертатсия зарурати инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол асоснок гардида, шартҳои инкишофи бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагони хурдсол ва барои ин маҷмӯи воситаҳои махсус муайян карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомёфта хулосаҳо ва тавсияҳо зикр ёфтаанд, ки зарурати дурнамои ҳалли масъалаҳои муҳими раванди таҳсилоти муосирро барои омӯзиши амиқтари лаёқатмандии хонанда нишон медиҳад.

Мундариҷаи кори анҷомдодаи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна оид ба омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, психологҳо ва волидайн барои ташхис ва инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар таъминоти методии коркардшуда инъикос шудааст, ки аз китоби дарсии электронӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ «Методҳои корбарӣ бо бачагони лаёқатманди синфҳои ибтидоӣ» ва дастури таълимӣ барои волидайн «Фарзанди лаёқатманди шумо» иборат аст.

Диссертатсияи ба итмомрасида ба таври назаррас баланд кардани сатҳи лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоиро имкон додааст. Санҷиши амсилаи пешниҳодшудаи лаёқатмандии хонандагони хурдсол, методикаи ташхис ва инкишофи он самарнокии худро исбот намуда, фарзияи пешниҳодшудаи таҳқиқотро тасдиқ кардаанд.

Рисолаи номзадӣ кори анҷомёфтаи илмию тахассусӣ буда, барои густариши илм ва амалияи педагогӣ дар шароити навсозии таҳсилот дар ҷумҳурӣ аҳамияти назаррасро касб менамояд.

Кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи меъёрҳои бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» нисбат ба диссертатсияҳои

номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои педагогӣ,
муаллимаи калони кафедраи забони хориҷии
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Насридинова Майсара Муйддиновна

02.09.2021 с.

Маълумот барои тамос:
7357000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ, 169.
Тел: (+992) 92-835-16-11. E-mail: maisaranasriddinova@gmail,com.
Сомона: www.iet.tj

*Имзои Насриддинова М.М.-ро тасдиқ менамоям:*
*Мудири ШК ва таъминоти ҳуқуқии ДИС ДДТТ* *Маҳмудов Ш. У..*